ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талабот оид ба барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо заҳрзамбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ.

Маҳамияти масъала. Ташхиси дақиқи бемории сил асоси ҳама чорабиниҳои пешгирикунанда ва мубориза бар зидди ин беморӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир ташхиси барҳаётии сили чорвои калони шохдор бо ду мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст:

- пайдоиши аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар ҳайвоноти солим (парааллергия),
- надодани аксуламали бодигармӣ ба туберкулин дар ҳайвоноти воқеан бемор (анергия).

Аз солҳои 60-уми асри гузашта то имрӯз, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар дигар кишварҳо ҳолатҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки чорво дар санҷиши туберкулинӣ ба гурӯҳи мусбатбаргардондашуда шомил мегардад, вале ҳангоми кушодани назоратии ҷасади чорво ва ташхиси озмоишгоҳӣ нишонаҳои бемории сил дар онҳо ошкор намешавад. Ин навъи аксуламалҳо «қалбакӣ» ё «ғайрихос» ном гирифта, имрӯз дар баъзе подаҳо аз 1 то 10% ва дар ҳолатҳои алоҳида ҳатто то 50% ва бештар низ ба мушоҳида мерасанд.

Бо вуҷуди аҳамияти баланди усули аллергиявии ташхиси сил, мутахассисони соҳа чандин норасоиҳои онро қайд намуда, зарурати такмили минбаъдаи онро таъкид кардаанд. Яке аз камбудиҳои асосӣ — пайдоиши аксуламалҳои ғайрихос дар ҳайвоноти солим аст, ки метавонанд ба сабабҳои гуногун вобаста бошанд. Забҳи беасоси чунин ҳайвонот, ки танҳо ба хотири як аксуламали мусбат ба туберкулин анҷом дода мешавад, ба кам шудани теъдоди ҳайвоноти воқеан бемор дар пода нафъ намерасонад ва ин масъала яке аз мушкилоти глобалии ташхиси сил маҳсуб мешавад.

Муаллиф бо дарки аҳамияти баланди масъала, мавзуи воқеан муҳим барои соҳаи чорводориро интихоб намуда, ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси илмиро муайян карда, бо масъулияти баланд иҷро намудааст.

Хулоса. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич таҳти унвони «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 — Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пурра ҷавобгӯ буда, қобили ҷонибдорӣ мебошад.

Муаллиф Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур арзанда дониста мешавад.

Такризdиҳанда:
Директори Институти тибби
Ветеринарии АИКТ, н.и.в. Атовуллозода Р.А.
12.12.с2025

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Клара Сеткина х. 8 ҳуҷ 17.
Телефон: (+992) 907-80-44-63.
Почтаи электронӣ: rajabmurod69@mail.ru

Имзои Атовуллозода Раҷабмурод
Атовуллоро тасдиқ мекунам:
Нозир оид ба кадрҳои ИТВ АИКТ Шабнами Р.

Суроға: Институти тибби ветеринарии АИКТ,
734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ул. А. Каххоров 43.
Телефон: (+992) 372-27-51-92.
Почтаи электронӣ: iveterinari@mail.ru

12.12.с2025